**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Каримов Саъдӣ Мирзоевич дар мавзуи «Арзёбии таъсири чанги истеҳсоли семент ба муҳити табиии атрофи шаҳри Душанбе (дар мисоли ҶСК «Сементи тоҷик»), ки барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.08 - «Экология» пешниҳод мешавад.**

Каримов Саъдӣ Мирзоевич соли 2004 ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дохил гардида, онро соли 2009 аз рӯйи ихтисоси муҳандис-эколог хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2010 дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ оғоз намуда, аз соли 2021 ба ҳайси муовини декан дар факултети «Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ» идома дода истодааст. Аз соли 2016 унвонҷӯи кафедраи «Бехатарии фаъолияти инсон ва экология» мебошад.

Рисолаи номзадии Каримов С.М. баёни равшани мушкилоти экологӣ ва роҳҳои ҳали он дар мисоли таъсири чанги истеҳсолотҳои ҶСК "Сементи тоҷик" ба муҳити зист буда, муаллиф дар корҳои таҳлилию тадқиқотӣ усулҳои таҷрибавиро мустақилона дар сатҳи хуб анҷом додааст. Инчунин дар кори таҳқиқоти, доираи васеи усулҳои тадқиқот бо истифодабарии асбобҳои муосири аналитикӣ истифода шудаанд. Тавсияҳои пешниҳодгардида аз назари илмӣ асоснок шудааст.

Дар доираи мавзуъ муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 6 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Корҳои таҳиқотии Каримов С.М. имконият медиҳад, ки масъалаи паст кардани таъсири чангнокӣ ба муҳити зист дар истеҳсолотҳои сементбарорӣ дар мисоли корхонаҳои ш. Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳал карда шаванд.

Қайд кардан ба мавридаст, ки дар ҶСК «Сементи тоҷик» арзёбии экологии истеҳсолотҳои масолеҳи сохтмон бо назардошти технологияҳои амалкунандаи истеҳсолот гузаронида шуда, блок-нақшаи ташкили системаи мониторинги экологӣ пешниҳод карда шудааст. Модели мониторингии пешниҳодгардида имкон медиҳад, ки афзалиятҳои сиёсати экологии шаҳрро дар самти ҳифзи саломатии аҳолӣ дар сатҳи ҳудудӣ ва маҳаллӣ муайян намоем.

Айни ҳол дар ҶСК «Сементи тоҷик» полонаҳои барқӣ фарсуда шуда, ба таъмири куллӣ ниёз дорад. Аз ин лиҳоз, диссертант Каримов С.М. ҳамчун тавсия ба ҶСК «Сементи тоҷик» пешниҳод кардааст, ки полонаҳои барқии (электрофильтр) мавҷуда ба полонаҳои остинчашакл (руковной фильтр) аз нав таҷдид (модернизатция) карда шавад.

Бинобар он, рисолаии номзадии Каримов С.М., ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз руйи ихтисоси 03.02.08. – «Экология» (соҳаи илмҳои техникӣ) пешниҳод шудааст, кори ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ**: д.и.т., и.в. профессори кафедраи "БФИ ваЭ"

ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ Гулаҳмадов Ҳ.Ш.

16.01.2024

*Имзои д.и.т., и.в. профессор Гулаҳмадов Ҳ.Ш.-ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори ШК ва КМ ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ* ________ *Қодирзода Н. Ҳ.*